# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

Парвандаи аттестатсионии №4

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 26.03.2024, №2

Барои сазовор донистани Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 –Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.

Диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот» (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба ҳимоя 12 январи соли 2024 (протоколи №1.1.) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2024, таҳти №1/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 22 январи соли 1986 дар шаҳри Панҷакент дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик мебошад. Оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод соли 2004 ба факултаи иқтисодии Донишгоҳи молия ва иқтисодии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2009 бошад, донишгоҳи мазкурро аз рӯи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Соли 2013 то соли 2019 ба ҳайси ассистент дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2019 то соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯй Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот» (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) таҳқиқоти диссертатсионӣ бурдааст. Дар давраи омодагии диссертатсия унвонҷӯйи Институти иқтидосидиёт ва демографияи АМИТ Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод ба ҳайси мутахассиси Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва

баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мирсаидов Аброр Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодирова Заррина Ҳалимовиа** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Ғафорзода Ҷонона Ғафор** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ Фақеров Ҳ.Н. таҳия гардида, ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудааст. Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, суратмаҷлиси кафедра №8, аз 11 марти соли 2024 баррасӣ ва аз тарафи ректори Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. аз 12 марти соли 2024 тасдиқ шудааст.

Дар пешниҳоди муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи номзадӣ «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имичи ташкилот» (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

**а) Мақолахое, ки дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Роҳҳои баланд бардоштани имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ/ Х.Н.Хасанзода // Вестник ТГУПБП. - 2022. - № 1(90) - ISSN 2411-1945. С. 78-85.

[2-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Пути повышения имиджа учреждений высшего профессионального образования / Ҳасанзода Н.Ҳ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - № 7. - ISSN 2413-5151. www. vestnik-tnu.com - С. 99-107.

[3-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Имиҷи хизматрасониҳои таҳсилотӣ - ҳамчун омили асосии баланд бардоштани имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ / Н.Х. Хасанзода // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2022. - № 1-2 (1-2). - ISSN (2219-5408). – С. 90-93.

[4-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Вазъи имрузаи рушди таҳсилоти олии касбӣ ва ташаккулёбии имиҷи муассисаҳои онҳо / Хасанзода Н.Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - 2021. - № 4/2 (39). - ISSN 2308-054X. - С. 345-353.

[5-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Асосҳои назариявии ташаккул ва такмили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Ҳасанзода Н.Ҳ. // Паёми Донишгохи омӯзгорӣ. Маҷаллаи илмӣ. - 2021. - № 3-4 (7-8). - ISSN 2708-5759 - С. 233-243.

[6-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Имиҷи хизматрасониҳои таҳсилотӣ- асосии баланд бардоштани имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ / Ҳасанзода Н.Ҳ. // Паёми Молия ва иктисод. Маҷаллаи илмӣ. - 2021. - № 4 (28). - С. 198-203.

[7-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Муҳтаво ва сохтори эътибормандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Ҳасанзода Н.Ҳ. // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - 2020. - №2 (259). - ISSN (2061-2569). – С. 90-93.

**Б) Дар дигар нашрияҳо**

[8-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Ҳолати муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ ва имиҷи муассисаҳои онҳо дар Тоҷикистон/ Н.Ҳ.Хасанзода// Маҷмӯи маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Накш ва моҳияти сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии Тоҷикистон» - Душанбе: ИИД АМИТ, 5 декабри соли 2019 – С. 129-134.

[9-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Арзёбии ҳолати рушди индустрияи соҳаи маориф/ Н.Ҳ.Ҳасанзода// Маҷмӯи маводи онлайн-конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон: тағйироти сохтории иқтисодиёти миллӣ» - Душанбе: ИИД АМИТ, 19 июни соли 2020, - С. 79-85.

[10-М Ҳасанзода Н.Ҳ. Нақши татбиқи инноватсия дар баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Н.Х. Хасанзода// Маҷмӯи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Вазъи муосири рушди индустриалӣ-инноватсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо” - Душанбе: ИИД АМИТ, 30 ноябри соли 2021, - С. 179-185.

[11-М]. Ҳасанзода Н.Ҳ. Механизми ташкилии баланд бардоштани индустризатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақаҳои мамлакат ва имиҷи онҳо / Н.Х. Хасанзода// Маҷмӯи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Трансформатсияи индустриалии минтақаҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикитон” - Душанбе: ИИД АМИТ, 27 майи соли 2022, - С. 134-240.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**Қодирзода Х.Қ.** - н.и.и. дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Данғара эрод надорад.

**Исайнов Ҳ.Р.** - д.и.и., профессор, декани факултети иқтисод ва идораи ДМТ бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

- дар матн ва мазмуни автореферат муаллиф нақши сармоя ва иқтидори зеҳниро дар ташаккулу рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар овардааст. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳамзамон вазъи хатмкунандагони донишгоҳҳои бурунмарзӣ ва бозгашти мутахассисони сатҳи баландро ба ватан низ, мавриди таҳлил қарор медод. Зеро ки бисёре аз мутахассисони сатҳи баланд баъди хатми донишгоҳ ва донишкадаҳо ба ватан барнагашта, норасогии (камчинӣ)-и кадрҳои баландихтисосро дар дохили кишвар ба вуҷуд меоранд, ки инро дар илми муосир “истихроҷи мағзҳо” меноманд.

**Шаропов Ф.Р.** - д.и.и., профессор, муовини ректор оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардид:

- хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия тамоюлҳои ҷаҳонии ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касби мушаххас арзёбӣ мегардид;

- сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф таҳлили муқоисавӣ оид ба бартариҳо ва камбудиҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда мешуд.

**Комилов Н.Б.** - н.и.и., мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бо чунин эрод пешниҳод гардид:

- дар радифи бартариятҳои кори мазкур мехостам тавсия намоям, ки бо истифода аз моделҳои риёзию иқтисодӣ дурнамои ҳиссаи хароҷоти маориф ба ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои муайян пешниҳод мекард;

- хулосарезии автореферат агар аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда бароварда мешуд, дастгоҳи илмии автореферат боз ҳам хубтар мешуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

- коркарди асосҳои консептуалии ташаккул ва баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ ва такмили асосҳои назариявии дороиҳои ғайримоддӣ, ки барои ғанӣ гардонидани асосҳои ғоявии коркарди стратегия ва барномаҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ хидмат менамояд;

- таҳияи асосҳои методологии истифодаи «робита бо мардум», ки дар ташаккули самаранок ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин интихобу таҳлили нишондиҳандаҳои сифативу микдории имиҷи онҳоро мушахасс менамояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки:

- таҳияи маҷмӯи муқаррароти методӣ, ки асосро барои ташаккулу рушди имиҷи мусбии муассисаҳо ва роҳҳои ташкилу идоракунии онро бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди соҳаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд;.

- истифодаи мукаррароти диссертатсия дар раванди омодасозӣ ва хондани лексияҳо доир ба курси "Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ", "Иқтисоди таҳсилот", "Менеҷменти сифат" барои магистрҳои факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

- асосноккунии роҳҳои такмили методу механизми баланд бардоштани имиҷи муасисаҳои соҳаҳои таҳсилоти олӣ, имконият медиҳад, ки муассисисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шаклгирии тасаввуроти мусбии ҷомеа оид ба тавсифоти ҷолибият ва афзалиятҳои асосии онҳо мусоидат намояд; ҳамчунин барои шаклгириву рушди чунин сифатҳои муҳими ғайримоддӣ, ба мисли шуҳрати муассиса, поквиҷдонии кормандон, ракобатпазирӣ, имкониятҳои инноватсионӣ, эътимотнкии истеъмолкунандагону шарикон ва ғ. хидмат намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Ҷанбаҳои назариявӣ** – асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона шудааст, ташкил медиҳанд. Муқаррароти илмии мактабҳо ва назарияҳои асосии иқтисодӣ оид ба принсипҳои ташкилу идоракунии рушди имиҷ ва асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани он дар ҳамбастагӣ бо таҳлили иштирокдорони фазову муносибатҳои таҳсилотии мамлакат имконият доданд, ки моҳияти ҳодисаю равандҳо пурратар таҳқиқ гардида, мазмуни категорияҳо ва мафҳумҳои алоҳида вобаста бо дороии ғайримоддӣ ба таври муфассал ошкор карда шаванд.

**Методҳои гуногуни** – ба мисли абстраксияи илмӣ, усулҳои таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, муносибати иқтисодӣ-оморӣ, таърихӣ-мантиқӣ, пурсиши сотсиологӣ ва ғ. истифода шудаанд. Ҳамчун усули асосӣ принсипи муносибати системавӣ интихоб карда шуд, ки тибқи он мантиқи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ сохта шудааст.

**Дар натиҷаи** таҳқиқот коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди имиҷ ва асосноккунии роҳҳои баланд бардоштан дар заминаи муайян кардани тамоюли ҳолат, ҷараёни инкишоф ва самтҳои минбаъдаи рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сурат гирифтааст:

- асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии ташаккулу рушди имиҷ таҳқиқ карда шуда, ҷамъбасти назариявӣ ва натиҷагирии адабиёти илмии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ сурат гирифта, низоми мукаммали методҳо ва усулҳои таъминкунандаи амалкарди самараноки дороиҳои ғайримоддӣ ироа шудааст.

- ҷанбаҳои субъективию объективии ташаккули имиҷ, нақш ва аҳамияти асосии он барои муайян кардани робитаҳои сабабу оқибат ва конуниятҳои ташаккул, инкишоф ва трансформатсияи симои мусбат, ки чун дороии ғайримоддии зояндаи даромад мебошад, тавзеъ дода, зарурати таҳияи механизмҳои ташкилу идоракунии онро асоснок намудааст;

- **бори аввал** моҳият ва хусусияти имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ҳамчун субъекти бозори хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятдошта муаяйн гардидааст, ки пеш аз ҳама, аз хусусиятҳои маҳсулоте, ки вай ҳамчун моли квазибозорӣ истеҳсол мекунаду таъсири

мусбати берунӣ ва хусусияти мақсаднок барои гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа дорад, бармеояд;

- зарурат ва аҳамияти ташаккул ва рушди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дороии ғайримоддӣ, ки дар шароити афзояндаи рақобат дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ имкониятҳои дастрасиро ба беҳтарин захираҳо (молиявӣ, иттилоотӣ) фароҳам меорад, одам ва ғайра) доро мебошад, асоснок карда шудааст;

- заминаҳои консептуалии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дороии ғайримоддӣ ва чанд тавсияҳои амалӣ дар заминаи ҷамбасти натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоии гузаронидашудаи муаллиф (коркарду таҳлили андешаҳои намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии мақсадноки гуногун) асоснок шудаанд;

- механизми ташкилии такмили имиҷ таҳия шудааст, ки ба он субъектҳо, объектҳо ва таъминоти захираҳои дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули имиҷ истифодашаванда, инчунин, меъёр ва методологияи баҳодиҳии симои мусбати донишгоҳ дохил мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон доданд, ки:**

- асоснокии хулосаву пешниходхои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷиро дар соҳа эҷодкорона истифода бурдааст;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои бонуфуз интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

- дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.

- ғояи асосии диссертатсия дар асоси дастурҳо, баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб**. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона тавсияҳои методиро доир ба такмили механизми ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун омили ғайримоддии рушди онҳо, алгоритм ва марҳалаҳои асосии ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳои гузаронидани мониторинг ва таҳлили мунтазами иттилооти ҷамъкардашуда пешниҳод намудааст, муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд.

- натиҷаҳои назариявӣ-методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.
- мӯҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ ва ҷаласаҳои шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ мунтазам мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 017 аз 26 марти соли 2024 қарори сазовор донистани Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 10 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О.

«26» марти соли 2024